**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15)**

**Тақризи**

**номзади илмҳои фалсафа, муаллими калон Сатторзода Субҳиддин Наҷмуддин ба автореферати диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи “Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ**

Муҳиммияти мавзуи баррасишаванда ба он асос меёбад, ки бо гузориши саволҳои таърихӣ дар назди одамият: Барои чӣ дунё тавре сохта шудааст, ки дар он пайдоиш ва мавҷудияти инсон имконпазир аст? Чӣ тавр инсон ва Олам, макрокайҳон ва микрокайҳон таносуб доранд, то чӣ андоза онҳо ҳамандозаанд? Пайдоиши ҳаёт ва одам моҳияти кайҳонӣ дорад ё танҳо ба сайёраи замин хос аст? ва ғайра муайян мегардад. Чунин саволҳо аз даврони қадим ақидаҳои фалсафиро ба вуҷуд меоваранд ва то ҳол давом ёфта истодаанд. Масъалаи таносубият, ҳамченакии инсон ва Олам асоси принсипи антропиро дар соҳаҳои гуногуни мавҷудияти инсонӣ ташкил дода, бо фалсафаи кайҳонӣ алоқаманд аст ва, билохир, масъалаи калидии фалсафа муносибати тафаккурро ба ҳастӣ низ дахл мекунад. Ба ин принсип, ки дорои дараҷаи баланди илмӣ мебошад, рӯй овардан барои ҳалли вазифаҳои асосии фалсафӣ (донисташаванда будани Олам (гносеология), онтология, номология, аксиология ва ғ.) имконияти заруриро мекушояд. Таҳқиқоти мазкур дар мисоли таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ ҷанбаҳои зиёди мушкилоти асосҳои илмҳои табиётӣ, иҷтимоию гуманитраӣ ва вазъи онҳоро дар таҳлили масъалаҳои фалсафӣ муайян менамояд. Ғайр аз ин, вобаста ба мавзуи омӯхташаванда маводи зиёди эмпирикӣ (таҷрибавӣ) аз физика, кайҳоншиносӣ, астрономия, биология истифода шудааст (саҳ. 3), ки аз дараҷаи баланди таҳқиқи мавзуъ гувоҳӣ медиҳад.

Гузориш ва аҳамиятнок будани саволҳои боло зарурат, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи фалсафии принсипи антропӣ ва алоқаи байни инсон ва Кайҳон (Олам)-ро муайян мекунад, ки яке аз мавзуъҳои доимии фалсафа ба шумор меравад. Ҳамчунин, аз нигоҳи методологӣ таносуб ва вобастагии мутақобилаи инсон ва Кайҳон, микрокайҳон ва макрокайҳонро фаро мегирад Мақсади таҳқиқотро бошад, муайян намудани мақоми принсипи антропӣ, ғояи таҳаввулоти глобалӣ ва назарияи ноосфера дар низоми донишҳои фалсафӣ ва мушаххаскунии алоқаи мутақобилаи онҳо дар аснои дастовардҳои илми муосир ташкил додааст. Зимни таҳқиқоти илмӣ, дар рафти таҳлилу баррасии мушкилоти гузошташуда диссертант ба таҳқиқоти монографӣ ва мақолаҳои олимон, файласуфон, методологҳо, табиатшиносон, синергетикҳо вобаста ба масъалаи алоқаи мутақобилаи микрокайҳон ва макрокайҳон, таносуби зинда ва ғайризинда, паҳн кардани ҳаёт дар Коинот, инчунин ба антропологияи фалсафӣ ва ақидаи фалсафаи ноосферӣ такя намудааст. Бо дарназардошти

андешаҳои баёнгардида, хулоса намудан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионии Зайналов Қ.М. аҳамияти баланди илмӣ ва назариявӣ дорад.

Асосҳои методологии таҳқиқоти рисолавиро маҷмуи принсипҳо аз доираи методологияи диалектикӣ, детерминизми кайҳонӣ, синергетикӣ, ақидаи назарияи худташаккулшёбӣ, ғояи худҳаракаткунии материя, таҳаввулоти умумӣ, ноосферогенез ташкил медиҳанд. Объекти таҳқиқотро асосҳои илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ ташкил додааст.

Дар автореферати диссертатсия ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назар мерасад. Навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошанд.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар боби аввали диссертатсия – “**Принсипи антропӣ ва фаҳмиши илмӣ-табиию метдологии он**” асосҳои илмӣ-назариявӣ, фалсафӣ ва таърихии мавзуъ мавриди таҳқиқ ва таҳлили муфассал қарор гирифтаанд. Диссертант зикр менамояд, ки “дар адабиёти муосири илмӣ ва фалсафӣ бештари олимон ва муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки принсипи антропӣ соли 1973 аз ҷониби Брендон Картер дар табиатшиносӣ асос гузошта шуд, лекин он таърихи дуру дароз дорад, ки оғози он дар сарчашмаҳои фалсафӣ ва фарҳангӣ дарҷ гардидаас. Чунончӣ ақидаи ягонагии инсон ва Коинот дар бисёр сарчашмаҳои фалсафӣ ва динии қадима ҷой дошта, тасаввурот оид ба робитаи инсон ва Кайҳон, оид ба зинда будани Кайҳон чун хати сурх қариб дар ҳама тасаввуроти қадимаи Юнон гузаштааст” (саҳ. 13).

Боби дуюми диссертатсия – “**Принсипи антропӣ дар таносуб бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ”** ба таҳлилу муҳокимаи принсипи атнропӣ бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ бахшида шудааст. Дар боби мазкур диссертант сарчашмаҳои фалсафӣ: асарҳои «Падидашиносии руҳ»-и Г. Гегел, «Таҳаввулоти эҷодӣ»-и А. Бергсон, «Раванд ва воқеият»-и А.Н Уайтхед, «Падидаи инсон»-и П. Тейяр де Шарден, «Тектология»-и А.А. Богданов ва дигаронро ҳамчун ибтидои андешаҳои илмии антропӣ, ҳамчунин дар ин радиф, асарҳои ҷамъбасткунандаи фалсафию илмӣ-табиии олимони маъруфи рус К.Э. Сиолковский ва В.И. Вернадскийро, ки мақоми калидиро доранд, истифода бурдааст. Дар доираи равишҳои гуногуни ҷойдошта атрофи ғояи таҳаввулоти глобалӣ андешаҳои муҳаққиқони гуногун Н.П. Моисеев, В.С. Степин, С.П. Курдюмов, Е.Н. Князева, В.И. Аршинов, В.В. Казютинский, Э. Ласлоу, Э. Янч, В. Эбеллинг, Р. Файстел, И. Пригожин, И. Стенгерс, Ч. Дарвин, К.Х. Уоддингтон ва дигарон муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаҳои илмии худро асоснок намудааст (саҳ. 18-21).

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд.

Маводи нашрии диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсияи Зайналов Қ.М. дар мавзуи “Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ фишурдаи муҳтавои таҳқиқоти комилу анҷомёфта ва илман асоснок мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки чунин ишора мегарданд:

1. Диссертант дар доираи боби дуюм масъалаи ноосфера, ноосферогенез ва зарурати кор карда баромадани илми нави ноогеникаро ба миён гузоштааст. Дар ин замина, хуб мешуд аҳамияти масъалаҳои мазкурро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон алоҳида нишон медод.

2. Дар автореферат баъзан ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои пурра комил гардидани диссертатсия муҳим мебошанд.

Камбудиҳои зикршуда ба моҳияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферат ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Зайналов Қ.М. ба дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ — Сатторзода С.Н.

Имзои н.и.ф., муаллими калон Сатторзода С.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992) 902612661
Email: ssubxiddin@inbox.ru

“02” 05 2024 с.